«Тасдиќ мекунам»
Муовини вазири тандурустӣ ва
ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Љумњурии Тољикистон
___________________________
__.03.2023

# ПРОТОКОЛИ

Машварати миллӣ бо намояндагони ташкилотҳои маъюбон ва волидони кӯдакони маъюб дар доираи Гурўњи кории байниидоравї оид њифзи иҷтимоии Шӯрои миллии рушди назди Президенти Љумњурии Тољикистон вобаста ба таҳияи гузориши шарҳи ихтиёри миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил шудан ба ҲРУ 2030

аз 2 марти соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок намуданд:

**Иштирокчиёни мизи мудаввар:**

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ - Баротова Зулфия, Вазорати молияи ҶТ - Мирзоев Муҳаммадҷон, Вазорати адлияи ҶТ - Мансурӣ Дилшода, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ - Одиназода Моҳтоббӣ, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди ҲҶТ - Маҳмадалиев Усмоналӣ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди ҲҶТ - Ҳикматова Суман, Вазорати наќлиёти ҶТ - Ҳакимов Сангалӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ - Ҳамоњангсоз оид ба тањияи ШИМ Мадҷон М.М., Достиев А- Мушовири иқтисодӣ оид ба мониторинг ва арзёбии Котиботи Шӯрои милли рушди назди ПҶТ, Шамсидинов Фируз - Ташкилоти Љамъиятии «Нерубахш», Замира Д - Ташкилоти Љамъиятии «Си Да», Дилором Ашурова, Љамъияти нобиноён- Нурматов Ж.Ж., Ташкилоти Љамъияти - Тенмиев Х.А., Љамъияти миллии Имконият - Ҳамроев Ф. С., Ташкилоти Љамъиятии Гемодия Азизов Ш, Ташкилоти Љамъиятии «Дилҳои Кушода» - Шералиев Асила, Ташкилоти Љамъиятии «Ирода»- Лола Насриддинова, Бобосадинова С - Ташкилоти Љамъияти Созмони занони маъюб «Иштирок», Ташкилоти Љамъиятии «Нерубахш» Ташкилоти Маъюбон “Ҳаракат”- Ҳайдаров Иқболҷон, Кумитаи милли параолимпи – Бобошарипов Парвиз, Ассадулло Зикрухудоева, Раупов Санавбар, Филлали Ташкилоти Љамъиятии «Нои»

Роѓун Мушкиева Аноргул, коршиноси соҳави оид ба масъалахои рушди саноат Махкамов Баҳодур,  Директор оид ба њуќуќи инсон Наргис Закирова, Муовини раиси “Хоҷагиҳои деҳқонӣ”  Акрамов А., Директори иҷроия Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд Фатњидинова Зебунисо, Мутахассиси пешбари раёсати минтақаҳои озоди иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдо Бахтиниссои Н., Ёрдамчии Сардори Котиботи Шӯрои милли рушд Шафоева Шаҳноза ва дигарон.

**Шарикони Рушд**

Шамсидиннова С –UNICEF, Радхир Сингх - Mission East,  Хироши Ниино-(JICA), Акбаршова Фарида -  (UNRCO), Павлов Баялик – (UNRCO), Буса Калкатера- (UNDP), Эми Скҳинли – (OSCE), Раҳимова Н. Х.- (UNFPA), Исмоилова Диана – (UNWOMEN), Малика Ҷурақулова – (USAID/ US Embassy), Шамафов Ф- (UNDP), Қаландаров Сафо – (WHO), Ганҷина Зайдодхонова

Рӯзномаи мизи мудаввар:

1. Муаррифии консепсия ва мундариљаи Шарњи дуюми ихтиёри миллї
2. Муаррифии арзёбии эҳтиёҷот ва талаботи шахсони маъюб
3. Баррасии Нақшаи чорабиниҳои Шарњи ихтиёри милли дар соли 2023

Мизи мудаввар аз номи роҳбари Гурӯҳи кории байннидорави Мадҷон Манучеҳра Сардори Сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди минтақаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тољикистон,  кушода, кайд кард, ки мақсад аз баргузории чорабинӣ ин дар доираи фаъолияти Гурӯњи кории Шӯрои миллии рушди назди Президенти Љумњурии Тољикистон оид ба њифзи иҷтимої баррасии масъалањои ҳуқуқҳои шахсони имконияташон маҳдуд бо диди муштараки таъмини эҳтироми комил, ҳимоя ва амалӣ гардонидани онњо, инчунин бо назардошти иҷрои уҳдадории «Касеро дар канор нагузоштан» ташкили имконият барои иштироки пурра ва баробарии ҳамаи шахсони имконияташон маҳдуд дар ҳаёти ҷомеа мебошад.

Ҳамзамон тањияи Шарҳи дуюми ихтиёри миллӣ консепсия ва мундариҷаи шарҳро ба ҳозирин муаррифи намуд. Аз ҷумла қайд карда шуд, ки шарҳи ихтиёри миллї - равандест, ки кишварҳо тавассути он вазъи рушди миллї ва пешравиро ҳамчун љузъи раванди пайгирї ва механизми бознигарӣ дар самти татбиқи Рӯзномаи 2030 арзёбӣ ва пешниҳод менамоянд. Дар

раванди таҳияи Шарҳ алоқамандии масъалаҳои таъмин намудани ҳаёти солим ва мусоидат ба некӯаҳволӣ барои ҳама дар ҳамаи синну сол (ҲРУ 3), таъмин намудани таҳсилоти босифати фарогир ва одилона, инчунин мусоидат ба имкониятҳои омӯзиши барои ҳама дар тӯли зиндагӣ (ҲРУ 4) ва мусоидат ба рушди бардавом, фарогир ва устувори иқтисодӣ, шуғли пурра, самаранок, меҳнати сазовор барои ҳама (ҲРУ 8) дар доираи мавзӯи васеи рушди "сабз" бароиояндаи устувор ва дурахшон мавриди омӯзиш қарор мегирад. Дар ин радиф бо мақсади рушди "иқтисоди сабз", мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, кам кардани газҳои гулхонаӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҷалби сармоя ва технологияҳои каммасраф Стратегияи рушди иқтисоди "сабз" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 аз 30 сентябри соли 2022, №482 қабул гардид.

Тоҷикистон дар самти татбиқи ҳадафҳои таъмин намудани ҳаёти солим ва мусоидат ба некӯаҳволӣ барои ҳама дар ҳамаи синну сол (ҲРУ 3), таъмин намудани таҳсилоти босифати фарогир ва одилона, инчунин мусоидат ба имкониятҳои омӯзиши барои ҳама дар тӯли зиндагӣ (ҲРУ 4) ва мусоидат ба рушди бардавом, фарогир ва устувори иқтисодӣ, шуғли пурра, самаранок, меҳнати сазовор барои ҳама (ҲРУ 8) Ҳадафҳои рушди устувор тадбирҳои фарогири худро тавассути ислоњотњо ва ташаккули заминаи институтсионалӣ, инчунин фароњам овардани инфрасохтор дар ин самтњо ташкил намуда, сањми беназирри худро дар амалишавии онњо бо инъикоси расидан ба ҲРУ мегузорад.

Инчунин дар рафти чорабинї коршиноси соњавї Муминова Фарида рӯнамои худро дар мавзуи арзёбии эҳтиёҷот ва талаботи шахсони маъюб барои инъикос дар Шарњи дуюми ихтиёри миллї ба њозирин пешниход намуда, байни аъзои гурўњи корї муњокимаи пурмуњтаво сурат гирифт.

Машварати милли кори амалии худро бо иштирокчиён дар гурӯҳҳои корӣ, аз ҷумла Муҳити дастрас, Таҳсилот ва шуғл, Ҳифзи иҷтимоӣ бо саволҳои зерин мушкилот ва афзалиятҳои асосӣ кадомҳоянд, давлат ин мушкилотро то кадом андоза самаранок ҳал мекунад, барои беҳбуди вазъият аз ҷониби давлат бояд чӣ гуна чораҳои иловагӣ андешади шавад оғоз намуд. Пас аз баррасии саволҳо аз ҷониби гурӯҳҳои мазкур пешниҳодҳо бо воситаи рӯнамоҳо муаррифи карда шуд.

Аз ҷониби гурӯҳи кории Муҳити дастрас, ки шомили он Вазорати нақлиёти ҶТ - Ҳакимов Сангалӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ - Ҳамоњангсоз оид ба тањияи ШИМ Мадҷон М.М., Достиев А- Мушовири иқтисодӣ оид ба мониторинг ва арзёбии Котиботи Шӯрои милли рушд, Шамсидинов Фируз - Ташкилоти Љамъиятии «Нерубахш», Замира Д - Ташкилоти Љамъиятии «Си Да», Дилором Ашурова, Љамъияти нобиноён-Нурматов Ж.Ж., Хироши Ниино- (JICA), Акбаршова Фарида - (UNRCO),

Павлов Баялик – (UNRCO), Буса Калкатера- (UNDP), Эми Скҳинли – (OSCE), шомили он буданд дар кори амали мушкилиҳои худро дар умум вобаста ба муҳити зист дастраси нест, аз ҷумла зинаҳои роҳравҳои баландошёнаҳо ва мактабу маҳозаҳо ба талаботҳо чавобгу нестанд, дастрасии иттилоот (забони ишора), муҳити психологии бароҳат, мушкилли лифтҳо дар биноҳои нав сохта шаванда, номувофиқии лоиҳа таҳррезишуда ҳангоми ифтитоҳ лоиҳа, роҳрав (пантус) дар бинои мактабҳо барои маъюбон, хоҷатхонаҳо барои маъюбон дар шаҳр ва маҳал дастраси нест, роҳравҳои ишорати дар кучаҳо барои нобиноён муайян карда нашудаанд, дар боғҳои фароғати роҳравҳо низ ба талабот ҷавобгу нестанд, махсус барои маъюбон нишонаҳо (знаки) мавҷуд нестанд, чароғакҳои овози барои нобиноён дастрас нест ба ҳозирин ҷиҳати баррасӣ бо рӯнамо пешниҳод намуданд.

Гурӯҳи кории Таҳсилот ва шуғл, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ - Баротова Зулфия, Вазорати молияи ҶТ - Мирзоев Муҳаммадҷон, Вазорати адлияи ҶТ - Мансурӣ Дилшода, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ - Одиназода Моҳтоббӣ, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди ҲҶТ - Маҳмадалиев Усмоналӣ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди ҲҶТ - Ҳикматова Суман, Раҳимова Н. Х.- (UNFPA), Исмоилова Диана – (UNWOMEN), Малика Ҷурақулова – (USAID/ US Embassy), Ташкилоти Љамъиятии «Нерубахш» Ташкилоти Маъюбон “Ҳаракат”- Ҳайдаров Иқболҷон, Кумитаи милли параолимпи – Бобошарипов Парвиз, Ассадулло Зикрухудоева, Раупов Санавбар, Филлали Ташкилоти Љамъиятии «Нои» Роѓун Мушкиева Аноргул, коршиноси соҳави оид ба масъалахои рушди саноат Махкамов Баҳодур шомили он буданд амалан мушкилиҳои ин самтро вобаста ба таҳсилот ва шуғл, аз ҷумла набудани истилоҳоти ягона дар қонунгузорӣ иштироки маъюбон дар тањияи ќонунњо, талаби изҳороти ҳар як шакли маъюбидошта, қонун дар бораи адабиёти таълимӣ – мутобиқсозии барномаҳоро барои кӯдакони дорои шаклҳои гуногуни маъюбӣ муқаррар накардааст, таҳсилоти фарогир талаботи категорияҳои кӯдакони дорои маълулиятро (гунг) ба инобат намегирад, агар кӯдакон ҷалб карда шаванд онҳо таҳсилоти воқеӣ намегиранд, мактабҳои махсус бояд дар як синф на бештар аз 12 кӯдак дошта бошанд, пањншавии равиши тиббї ба таълим, муносибати салоњиятнок ба таълим зарур аст, муаллимон (оянда) барои кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуд омода карда нашудаанд, қобилияти кор аз ҷониби комиссияи экспертизаи тиббию меҳнатӣ муайян карда мешавад ба ҳозирин ҷиҳати баррасӣ бо рӯнамо пешниҳод намуданд.

Инчунин дигар гурӯҳи корӣ Ҳифзи иҷтимоӣ, ки Директор оид ба њуќуќи инсон - Наргис Закирова, Муовини раиси “Хоҷагиҳои деҳқонӣ” Акрамов А., Директори иҷроия Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд Фатњидинова Зебунисо, Мутахассиси пешбари раёсати минтақаҳои озоди иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдо Бахтиниссои Н., Ёрдамчии Сардори Котиботи Шӯрои милли рушд Шафоева

Шаҳноза, Малика Ҷуракулова – (USAID/ US Embassy), Шамафов Ф- (UNDP), Қаландаров Сафо – (WHO), Ганҷина Зайдодхонова  шомили он буданд мушкилиҳои худро дар умум вобаста ба ҳифзи ичтимоӣ аз ҷумла нарасидани дорувори барои пешгирии баъзе бемориҳое, ки боиси маъюбият мегарданд бемории гемофилия, мушкилот дар раванди муайян намудани табақаҳои осебпазир ва ниёзманд, аз чумла ошкорсози тариқи рақамикунонӣ, нарасидани озмоишгоҳҳо барои ташхиси бемориҳо, муайян намудани шакли ингибитори гемофилия  ва марказҳои тавонбахши дар қаламрави кишвар, пешбени намудани маблағ дар буҷаи давлат  барои баррасӣ  бо рӯнамо пешниҳод намуданд.

Аз  ҷониби гуруњњои кории мазкур вобаста ба самтҳои қайдгардида пешниҳодҳои дахлдор чиҳати беҳтар кардани шароитҳо ба роҳбари гуруҳ оид ба “Ҳифзи иҷтимоӣ”- и Котиботи Шӯрои миллии рушди назди ПҶТ барои қабули қарорҳо манзур карда шуд:

**Муҳити дастрас**

Аз буҷаи давлати  ҳар сол аз соли 2021 то 2025 наздик ба 1 миллион сомони барои иҷрои барномаи муҳити дастрас муайян мешавад механизми иҷроиши он таъмин карда шавад, мониторинг ва арзёбӣ;

Назорати ҷидди оид ба иҷроиши барномаи муҳити дастрас;

Дастрасии роҳҳо, биноҳо, ҷуйчаҳо, чароғакҳои овоздор, барои шахсони нобино;

Ташкили муҳити дастрас дар асоси дизайни универсалӣ;

Гузаронидани чорабиниҳо, фаҳмондадиҳӣ барои баланд бардошти сатҳи маърифатнокии аҳолӣ, маъюбон;

**Таҳсилот ва шуғл**

Дар парлумон бояд ҳама вакт як намоянда бошад;

Барои созмонҳое, ки маъюбонро ба кор мегиранд, барои ҳавасманд кардани корфармоён ба мо фармоиши ҳукумат лозим аст;

Зарур аст, ки дар шӯъбаҳои гуногун аз ҳисоби намояндагони Маълумоти иловагии касбӣ (МИК) гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шаванд;

Ба ҳайати гурӯҳи кории Котиботи Шӯрои милли рушди назди ПҶТ намояндагони ташкилотҳои дахлдор дохил карда шаванд;

Ба мо механизме лозим аст, ки иҷрои қонунро дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон назорат кунад;

Қабули барномаи мукаммали давлатӣ оид ба дастрасии кӯдакони дорои маълулият ба раванди давлатӣ;

Қабули лоиҳаи қонун дар бораи соҳибкорӣ, ки манфиатҳои маъюбонро ба назар  гирад;

Қонуни ҳифзи иҷтимоии маъюбонро ба муносибати ҳуқуқӣ ба масъалахои маъюбият мувофиқ кунонед;

Дар мактабҳо бо назардошти имконияту эхтиёҷоти таълими бачагон системаи таъминоти таълимӣ ташкил карда шавад;

**Ҳифзи иҷтимоӣ**

Маблағузори аз тарафи буҷаи давлатӣ барои соҳаи хифзи иҷтимои зиёд карда шавад;

Тағйирот ва иловаҳо ба қонуни хизматчии давлатӣ (модаи 16);

Зиёд кардани квотаҳои Президенти барои занҳои дорои маъюбият;

Ба накша гирифтани қарзҳои имтиёзнок барои ташкилотҳо;

Таҷдиди заводи ортопедию протези (таъсиси маркази миллии воситаҳои техникӣ);

Тасвиби Конвенсияхои байналмиллали дар самти ҳуқуқи шахсони дорои маъюбиятдошта;

Ҷори намудани модели Таснифи байналмилалии фаъолият, маъюбӣ ва саломатӣ;

Ба шарофати иштироки намояндагони ҷамъияти маъюбон, волидони кӯдакони маъюб, вазорату идораҳо, шарикони рушд дар Машварати миллӣ барои пешниҳоди ҷонибҳои манфиатдор бо иттилоот ва маълумоти зарурӣ оид ба тадбирҳои дар соҳаи таъмини муҳити дастрас, таҳсилот, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии маъюбон ва ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) имконият пайдо карданд.

Монеаҳо хеле зиёданд вале давлат мекушад, бо назардошти қишри ҷомеаи осебпазир шароитҳоро фароҳам орад ва ба зиндагии шоиста мардуро таъмин намояд. Тавассути кори муштараки иштирокчиёни Машварати миллӣ мушкилот ва афзалиятҳои имрӯза назди давлат муайян гардида, самаранокии тадбирҳои амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, самтҳо ва маҷмӯи чорабиниҳои зерин дар сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ бо назардошти манфиатҳои маъюбон ва шахсони имконияташон маҳдуд амалӣ карда мешаванд.

Дар анҷоми чорабини қарорҳои зерин қабул карда шуданд:

1. Вазорату идораҳо ҷадвали маълумоти дархостшавандаро оид ба ҲРУ бо маълумоти зарури пур карда, ҳар чӣ зудтар ба Вазорати рушди иктисод ва савдо пешниҳод намоед.
2. Ҳисоботи таҳлилӣ, идоравӣ ва дигар маводҳои таҳлилие, ки дар вазорату идораҳои соҳави вобаста ба пешрави дар самти ноил гардидан ба ҲРУ омода шудаанд, пешниҳод карда шаванд.
3. Бо назардошти манфиатҳои маъюбон ва шахсони имконияташон маҳдуд пешниҳодҳои онҳо пурра ба назр гирифта шуда дар доираи имкониятҳо ва амалишавии лоиҳаҳои давлатӣ, бо дастгирии Шарикони рушд ва ҷалби бахши хусусӣ бо лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ тадбирҳои амалӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ таъмин карда шавад.

Котиби ҷаласа Достиев Абдуқодир